«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
_____ Ибодуллозода А.И.
_____ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур, дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Рустамзода Комилҷон Абдушукур унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Рустамзода К.А. соли 2002 ба ихтисоси методикаи таълими биологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2008 хатм намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 09.02.2019 №204, ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 28-юми сентябри соли 2020, қарори №2/4.9 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ Рустамзода Комилҷон Абдушукур номзади илмҳои педагогӣ дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷамила Сулаймоновна мебошад.

Диссертатсияи Рустамзода К.А. дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 25.09.2026, №1/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи довталаб Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат дорад. Муҳтавои диссертатсия ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги экологӣ, тарбияи муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат, муайян намудани шароитҳои педагогии самараноки тарбияи экологӣ, истифодаи шаклу усул ва технологияҳои муосири таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон дар самти тарбияи экологии хонандагон равона гардида, доираи предметӣ, назариявӣ ва методологии ихтисоси мазкурро пурра фаро мегирад.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфта, ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи муҳити зист, рушди устувор, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва такмили сифати таҳсилоти умумӣ равона шудааст. Мавзӯи диссертатсия бо масъалаҳои мубрами ташаккули фарҳанги экологӣ, тарбияи муносибати ахлоқӣ ва масъулиятшиносона нисбат ба табиат, рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълиму тарбия иртиботи мустақим дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илмҳои педагогӣ, такмили назария ва методикаи тарбияи экологӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Мақолаҳо ва маводи илмии ба табъ расонидаи диссертант масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои назариявию амалии диссертатсияро оид ба шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ пурра инъикос менамоянд. Интишороти илмӣ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ буда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи асосҳои назариявии масъала, муайян намудани шароитҳои педагогии самаранок, гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада равшан нишон медиҳанд. Иштирок ва баромадҳои илмии диссертант дар конфронсҳо,

семинарҳо ва ҳамоишҳои илмӣ низ паҳлуҳои муҳими таҳқиқот ва натиҷаҳои онро муаррифӣ менамоянд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқи онҳо.**

Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии бадастоварда дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан дар синфҳои ибтидоӣ, ҳангоми ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагон нисбат ба ҳифзи табиат истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимию методӣ, маводи тавсиявӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд дар фаъолияти омӯзгорон, донишҷӯёни ихтисосҳои педагогӣ; шуъбаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи маориф, инчунин ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, корҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоиро бори аввал ба таври низомманд ва мукаммал дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро муайян намуда, шароитҳои педагогии самараноки ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагонро ба ҳифзи табиат асоснок кардааст. Ҳамчунин, шаклҳо, усулҳо, воситаҳо ва технологияҳои самараноки педагогӣ барои татбиқи тарбияи экологӣ дар синфҳои ибтидоӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявию амалии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи барномаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, интихоби асосноки методҳо ва воситаҳои омӯзиш, ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои бадастомада, арзёбии самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда, инчунин ҷамъбаст ва татбиқи амалии хулосаҳои илмӣ ба таври возеҳ ифода меёбад.

Диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур, дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи диссертатсияи пешниҳодшаванда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

***1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:***

[1-М]. Ҳалимов К.А., Тураев З.Н.,Усмонова Д.С. Хусусиятҳои ҳамгироии фаъолиятҳои экологӣ-кишваршиносӣ ҳамчун омили ташаккули шуури экологии хонандагон. [Матн] / К.А.Ҳалимов, З.Н.Тураев, Д.С. Усмонова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. 2024. №3 (36). – С.100-106. ISSN 2616-5260.

[2-М]. Ҳалимов К.А., Тураев З.Н., Усмонова Д.С. Роҳу восита ва шароити педагогии ташкили самараноки ташаккули шуури экологӣ тавассути ташкили чорабиниҳои экологӣ-минтақашиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов, З.Н.Тураев, Д.С. Усмонова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. 2024. №2 (35). – С.154-161. ISSN 2616-5260.

[3-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Зоидова О.А. Рушди технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯён. [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, О.А.Зоидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №11. – С.261-268. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Усмонова Д.С. Таҳқиқи омилҳои педагогии зарурӣ барои таҳияи технологияҳои инноватсионӣ чиҳати ташаккули фарҳанги экологии хонандагон [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, Д.С. Усмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №12. - С.197-205. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С.,Тураев З.Н. Дархостҳои муосир ва дурнамои ҳамгироии сиёсати экологӣ ва иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, З.Н. Тураев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2026. №4. – С.358-366. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Аламов Т.Н. Нақш ва аҳамияти фаъолиятҳои беруназсинфӣ аз фанни биология дар низоми таҳсилоти мактабии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, Т.Н. Аламов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2026. №7. – С.289-298. ISSN 2074-1847.

[7-М]. Рустамзода К.А. Мафҳум ва хусусиятҳои тарбияи экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити таълимӣ [Матн] / К.А. Рустамзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2026. №3 (61). – С.100-109. ISSN 2617-5320.

[8-М]. Рустамзода К.А. Тарбияи экологӣ ва рушди рафтори мунтазам барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / К.А. Рустамзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2026. №3(55). – С.167 – 174. ISSN 2617-5320.

***2. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:***

[9-М]. Ҳалимов К.А. Ташаккули ахлоқи экологии насли наврас чун омили рафъи буҳрони экологӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи байналмилалӣ «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. – С.509-514.

[10-М]. Ҳалимов К.А. Талаботҳои умумии экологӣ, воситаҳои истифодабарии табиат ва режими ҳуқуқии ҳудудҳои ҳифзшаванда [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.90-91.

[11-М]. Ҳалимов К.А. Инсон ҳамчун сарчашмаи мушкилоти экологӣ ва ҳамчун роҳи ҳалли онҳо [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муносибати муосир дар ташкилии омӯзиши фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ» бахшида ба «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.262-264.

[12-М]. Ҳалимов К.А. Мафҳум ва моҳияти усулҳои интерактивии таълим ва асосҳои он [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилот дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» бахшида ба «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.176-178.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи

ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур, дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 25.09.2026, қарори №1/1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 19 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Сатторов Асрор Каххорович

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

25.09.2026.

Имзои А.Қ. Сатторов ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ Мухибулло

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj. Сомона: www.tgpu.tj